КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025 Ҷумхурии Тоҷикистон, шахри Душанбе, куч. Шотемур 27 Тел: (+99237) 2218659
Факс: (+99237) 2215729; email: info@investcom.tj, web: www. investcom.tj

№ 1-20/3324 аз « 20 » 08 соли 2024

Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)

ТАҚРИЗ
ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Аҳтам Рустам дар мавзӯи «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Қобили зикр аст, ки дар давоми 15-20 соли охир тавсеаи бошитоби муносибатҳои консессионӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии аксар кишварҳои ҷаҳон, чӣ дар давлатҳои аз ҷиҳати саноатӣ пешрафта ва ҳам дар кишварҳои дорои иқтисоди гузариш, инчунин дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба мушоҳида мерасанд, ки мубрамияти мавзӯи диссертатсияи мазкурро афзун мегардонад.

Тавре маълум гардид, дар муқадиммаи диссертатсия мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи воқеии таҳқиқи мавзӯи илмӣ ва робитаи он бо барномаҳои илмӣ муайян, мақсаду вазифаҳо мушаххас, объект, мавзуъ ва давраи таҳқиқот тавсиф шудааст. Инчунин, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот дақиқ ва навгониҳои илмии таҳқиқот шарҳ дода шуда, нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда бо дарназардошти аҳамияти назариявӣ ва амалии онҳо тавсиф гардидаанд.

Ҳамзамон, **заминаҳои рушди шартномаҳои консессионӣ, ҳамчун шакли муносибат байни давлат ва сармоягузори хусусӣ таҳқиқ гардида,** дар атрофи он таҷрибаи миллӣ ва байналмилалии амалигардонии шартномаҳои консессионӣ таҳлил шудаанд.

Зикр шудааст, ки зиёда аз 120 давлати ҷаҳон шартномаҳои консессиониро ҳамчун механизми қобили баланди таваҷҷуҳ дар самти самаранок истифода бурдани амволи давлатӣ ва ҷалби сармояҳои хусусӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат истифода мебаранд. Таҳқиқоти мазкур иқтидор ва дурнамои ҷалби минбаъдаи сармоягузории хориҷиро ба соҳаи энергетика ва коркарди конҳои ашёи хом дар шароити Тоҷикистон судманд муаррифӣ месозад.

**Роҷеъ ба асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** таҳлили пурра ва муқоисавии маҷмӯи санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ анҷом ёфтааст. Ҳамзамон, аввалин маротиба ба чунин намуди шартномаҳо бахшида шудани як боби алоҳидаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қадами муҳим баҳогузорӣ шуда, бо таҳлили меъёрҳои дахлдори ин Кодекс ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» фарқиятҳо ошкор ва зарурати такмили минбаъдаи қонунгузорӣ зикр шудааст.

Масъалаҳои марбут ба **асосноккунии назариявии табиати ҳуқуқии шартомаи консессионӣ дар боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ анҷом ёфта, бо таҳлили адабиёти илмӣ ва мавқеи назари олимони соҳа доир ба** хусусияти маданӣ-ҳуқуқӣ доштани шартномаи консессионӣ ишора гардидааст.

Муаллиф зикр менамояд, ки қаблан дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми конседент маълум набуд, ки фаҳмиши дақиқи субъектҳои муносибати ҳуқуқии консессиониро мушкил мегардонид. Мафҳуми мазкур бори аввал дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» дар соли 2011 пешбинӣ гардидааст ва аз ҷониби муаллиф бо дарназардошит рушди муносибатҳои консессионӣ дар хусуси такмили мафҳуми конседент, консессиядор ва вазъи ҳуқуқии онҳо таклифҳо пешниҳод шудаанд.

**Муаллиф** дар асоси озмунҳо ба конссесия додани объектҳоро дуруст ва мутобиқ ба таҷрибаи байналмилалии бастани шартномаҳои консессионӣ муаррифӣ карда, марҳилаҳои бастани шартномаҳои консессионӣ, аз ҷумла тайёр намудани пешниҳодҳои консессионӣ ва интихоби консессиядорро таҳлил намуда, таклиф дорад, ки пешниҳоди консессионӣ дар сатҳи қонунгузорӣ бо зикри талаботи мушаххас мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирад, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Яке аз муҳимтарин масъалаҳои мавзӯи мазкур и**ҷрои уҳдадориҳо дар доираи шартномаи консессионӣ** буда, дар он маҷмӯи **ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектони шартномаи консессионӣ аз нигоҳи қонунгузорӣ, таҷрибаи давлатҳои дигар ва шартномаҳои консесисонии дар Тоҷикистон ба имзорасида таҳлил гардидаанд. Зикр шудааст, ки н**овобаста аз он, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии консессионӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври маҳдуд муайян гардидааст, таҷрибаи консессионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки доираи васеъ ва муфассали ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо асосан дар худи шартномаи консессионӣ муқаррар карда шудаанд.

Омӯзиши таҷрибаи беҳтарини консессия нишон медиҳад, ки имтиёз ва кафолатҳои бо қонун барои консессиядорон муқарраршуда, барои ҷалби сармоягузорон ҷиҳати сармоягузории молиявӣ, техникӣ, технологӣ ва дигар воситаҳои худ дар беҳтар намудани молу мулки давлатӣ хизмат мекунанд. Таҷрибаи миллии консессионӣ низ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз набудани меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор дар самти ба консессиядор пешниҳод кардани кафолатҳо, маҷмӯи мушаххаси кафолатҳо барои консессиядор дар худи шартномаи консессионӣ пешбинӣ шудааст. Дар зербоби мазкур бо мақсади такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа як қатор таклифҳо пешниҳод гардидаанд.

Дар қисмати хулосавии рисолаи диссертатсионӣ маҷмӯи масъалаҳои таҳқиқшуда ҷамъбаст гардида, бахри такмили қонунгузории соҳа ва таҷрибаи амалии бастани шартномаҳои консессионӣ дар Тоҷикистон таклифҳо манзур гардидаанд.

Пӯшида нест, ки аз нигоҳи илмӣ асоснок намудани самтҳои алоҳидаи фаъолият, махсусан фаъолияти консессионӣ ва дар доираи он мавриди таҳлил қарор гирифтани таҷрибаи миллӣ ва байналмилалии ин намуди фаъолият ба рушди он мусоидат хоҳад кард.

Таклифҳо дар хусуси такмили фаъолияти консессионӣ ва заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи консессия, ки дар диссертатсияи мазкур пешниҳод шудаанд, таваҷҷуҳпазир буда, аз ҷониби коршиносон мавриди баҳогузорӣ қарор мегиранд.

Таҳлили анҷомёфтаи автореферати диссертатсияи мазкур ба хулосае меорад, ки мавзуъ ва мундариҷаи он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ҳамзамон дигар талабот, аз қабили навгонӣ, риояи одоби илмӣ ва ғайра мутобиқ мебошад.

Дар маҷмуъ диссертатсияи унвонҷӯ Абдуллозода А.Р. дар мавзӯи «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Раис Султон Раҳимзода